**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи**
**миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор Хушвахтзода Қ.Х.**
______________________________
«__15__» ______________2021 с.

ХУЛОСА

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Одиназода Рамазон Сафар ҳамчун дотсенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ӯ аз соли 2012 то имрӯз ба ҳайси дотсенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Соли 2008 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Рисолаи номзадиро соли 2012 дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи девони мазолим дар ҳудуди Тоҷикистони тошуравӣ (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» дифоъ намудааст.

Мушовири илмӣ – Буризода Эмомалӣ Бозор, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи

Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Дар натиҷаи муҳокимаи рисола кафедра хулосаи зеринро қабул намуд:**

Таҳқиқот ба яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқшиносӣ – пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст.

Мавзӯи диссертатсия дар ҳама давру замон мубрам ба ҳисоб меравад, зеро рисолаи илмӣ масъалаҳоеро фаро мегирад, ки онҳо ҳам аҳамияти таърихӣ ва ҳам аҳамияти муҳим дар замони муосир доранд. Дар рисола марҳилаҳои таърихии пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои адлияи маъмурӣ, адолати судии маъмурӣ ва даврабандии он дар таърихи давлатдории тоҷик, ташаккул ва рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ташаккул ва рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар давраи низоми ҳуқуқии исломӣ, амалисозии адолати судии маъмурӣ аз ҷониби амалдорони давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таърихи давлатдории тоҷикон ва идомат, фарқият ва дурнамои рушди ниҳодҳои адлия маъмурӣ ва амалисозии адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон мавриди пажӯҳиши амиқи илмӣ қарор дода шудааст, ки чунин равиши илмӣ имрӯз барои илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ, махсусан дар шароите, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ба тамоми бахшҳои зиндагӣ таъсири худро расонида истодааст ва дар ин раванд ҳифзи арзишу анъанаҳои ҳуқуқии ниёгон бояд дар мадди аввал қарор дошта бошанд, муҳим мебошад.

Муаллиф мубрамияти рисоларо чунин асоснок месозад, ки судҳои маъмурӣ таърихи тулонӣ доранд. Дар шароити муосир бошад, то кадом дараҷа ба талаботи тақсими ҳокимияти давлатӣ мувофиқ будани мавҷудияти судҳои маъмурӣ низ масъалаи ҳалталаб аст, чунки ҳануз Монтескйе ҷамъ омадани ваколати иҷроиявӣ ва судиро дар як мақомот, сабаби вайрон шудани мизони тақсими ҳокимият ва маҳдуд намудани ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои шаҳрвандон шуморида буд.

Масъалаи зарурати мавҷудияти судҳои маъмурӣ ва пешомади ин ниҳоди адолати судӣ низ мавзӯъро ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз табдил додааст. Давлатҳои пешрафта мисли Олмон, Фаронса ва кишварҳои фазои ҳуқуқии ИДМ – Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Украина навъҳои мухталифу муваффақи вуҷуди судҳои маъмуриро рӯи кор овардаанд, ки омӯзиш ва таҳлили онҳо на танҳо дар таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯъ мусоидат менамоянд, инчунин истифодаи дастовардҳои онҳоро дар мавзӯи ташкили судҳои маъмурӣ дар Тоҷикистон дар оянда муҳим ва ногузир мегардонанд. Барои расидан ба ин ҳадафҳои дурнамои илми ҳуқуқ, фазои илми ҳуқуқшиносӣ бояд омода бошад. Ба вижа дар самти таҳлили раванди ҳодисоти таърихӣ-ҳуқуқӣ, ки падидаҳои ба судҳои маъмурӣ монанди татбиқкунандаи адолати додгоҳӣ дар хотира ва амалияи таърихии миллат вуҷуд дошт ё не? Дар шароити дигари таърихӣ ниёгони соҳибдавлати мо чунин баҳсҳои ҳуқуқиро бо кадом шакл ва тарзҳои маъмурӣ ҳал мекарданд? Ҷавоб ба чунин саволҳои гузошташуда барои омодагардии фазои ҳуқуқии кишвар дар васлшавӣ бо дастовардҳои навини илми ҳуқуқи башарӣ мусоидат менамояд.

Маҳз ҳамин гуна масъалаҳои усулӣ ва марказии таҳлили судҳои маъмурӣ дар рисолаи мазкур инъикоси худро ёфтаанд. Бинобар сабабҳои номбаршуда, омӯзиши мавзӯи мазкур масъалаи мубрами илмӣ ба шумор рафта, ҷавобгӯи на танҳо талаботи илмӣ, балки самти амалия низ ҳаст ва барои дарёфти роҳҳои ҳалли як қатор мушкилоти рӯз мусоидат менамояд.

Муҳаққиқ иқтибос аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бисёр бамаврид овардааст: «Сарчашмаи воқеии худшиносии миллӣ, қабл аз ҳама, бунёди давлати соҳибистиқлол, ваҳдати миллӣ, рӯ овардан ба гузаштаи пурифтихор, ҳифзи тамаддуну мероси фарҳангии ниёгон ва поси хотири шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги миллат мебошад».

Аз ин рӯ, барои ҷомеаи Тоҷикистон, ки дар роҳи бунёди давлатдории навини худ қадамҳои устувори сиёсӣ гузошта, дар қатори қабули таҷрибаи пешқадами кишварҳои мутамаддин ва низомҳои ҳуқуқии рушдкардаи олам, ба масъалаи таҳқиқи хотираи ҳуқуқӣ ҳамчун рукни эҳёи фарҳанги миллӣ ва ҳуқуқи ватанӣ арҷ мегузорад, суннату падидаҳои ҳуқуқии таърихии миллат аҳамияти бузургро касб менамоянд. Рӯ овардан ба хотираи ҳуқуқӣ дар таҳқиқи мавзӯъҳои илмӣ дар замони ҷаҳонишавии манфиатҳо ва бархӯрди тамаддунҳо гарави ҳифзи асолат ва соҳибихтиёрии миллии кишвар буда, омили ҳувиятсози худшиносии тоҷикон маҳсуб мегардад.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия аз назари илмӣ, дар замоне, ки масъалаи ташкили низоми мустақили судҳои маъмурӣ дар Тоҷикистон аз масъалаҳои марказии баҳси фазои илми ҳуқуқӣ буда, он миёни назария ва амалияи ҳуқуқӣ аз мавзӯоти мубрам ва печида маҳсуб мегардад, рӯ овардан ба таърихи вуҷуд ва рушди он дар таърихи давлатдории миллӣ, кашф ва асрори таҷрибаи одилона, мунсифона, оқилона ва манфиатовари амалияи ин навъи ҳокимияти судӣ дар хотираи ҳуқуқии халқ далели устувори ҷонибдории қавии илмӣ аз таъсис ва роҳандозии ин навъи судҳо дар Тоҷикистони муосир маҳсуб мегардад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсад аз таҳқиқот исбот намудани мавҷудияти суди маъмурӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ва Тоҷикистони таърихӣ буда, ошкор намудани қонунияти ташкил, зарурату ногузириҳо, омилҳои таъсис, самтҳои фаъолият ва доираи амали суди маъмурӣ ва дар заминаи ин ҳама омода намудани таклифу пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи таҷрибаи фаъолияти онҳо дар замони муосир мебошад. Дигар аз ҳадафи аслии рисола ҷустани васлияти хотираи ҳуқуқии арзишманди миллат, ки мутобиқ ба талаботи Конститутсия ва давлати демократию дунявии Тоҷикистон аст, бо раванди ислоҳоти низоми судӣ ва дар ин замина таъсири мусбат расонидан ба шаклгирии давлати миллии тоҷикон дар намои ташаккули

мафкураи муосири миллӣ ва ҳуқуқии халқ; пурра намудани фазои таҳқиқоти таърихи ҳуқуқи миллат мебошад.

Ҷиҳати ноилшавии муваффақона ба ин мақсад муаллифи рисола дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштааст:

- муайян намудани мафҳуми адолати судӣ, мақомоти судӣ, ниҳодҳои суди маъмурӣ, адлияи маъмурӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон;

- даврабандии таърихи пайдоиш ва марҳилаҳои рушди ниҳоди адолати судии маъмурӣ;

- таҳқиқи сабабҳои таъсис ва марҳилаҳои рушди Боргоҳи Дод ҳамчун ниҳоди суди маъмурӣ;

- таҳқиқи моҳият, мазмун ва хусусиятҳои фаъолияти ниҳоди Боргоҳи Дод;

- таҳлили сабабҳои пайдоиш ва рушди ниҳоди мазолим дар таърихии давлатдории тоҷикон;

- ошкор намудани моҳият, мазмун ва доираи фаъолияти ниҳоди мазолим ҳамчун ниҳоди суди маъмурӣ;

- муайян намудани таносуби ваколату масъулияти мақомоти гуногуни суди умумӣ ва судҳои маъмурӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон;

- таҳлили ваколатҳои мурофиавии маъмурии мақомоти гуногуни идоракунӣ ва мансабдорони мақомоти марказӣ ва маҳаллии идоракунӣ;

- муайяну мушаххас намудани дурнамои рушди суди маъмурӣ дар Тоҷикистони муосир;

- таҳияи тавсия ва пешниҳодҳо барои такмили қонунгузорӣ ва ташаккули амалияи судҳои маъмурӣ.

Бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтори рисола муайян гардидааст, ки тибқи ин сохтор сабабҳои таъсис, фаъолият, доираи амал, моҳият ва мазмуни фаъолияти судҳои маъмурӣ дар мисоли якчанд ниҳоди мушаххас, аз ҷумла Боргоҳи Дод, мазолим, суди динӣ, фаъолияти алоҳидаи муҷтаҳидону муфтиҳо, ваколати судии

мансабдорони алоҳида дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик таҳқиқот анҷом дода мешавад. Мақсад аз таҳқиқот исбот намудани мавҷудияти суди маъмурӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ва Тоҷикистон буда, ошкор намудани қонунияти ташкил, зарурату ногузириҳо, омилҳои таъсис, самтҳои фаъолият ва доираи амали суди маъмурӣ ва дар заминаи ин ҳама омода намудани таклифу пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи таҷрибаи фаъолияти онҳо дар замони муосир мебошад.

Натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқот холигии мавҷударо пурра намуда, дар омӯзиш ва пажӯҳиши минбаъдаи таърихи пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои адолати судии маъмурии Тоҷикистон заминаи мусоидро фароҳам меоранд. Мубрамияти рисола пеш аз ҳама, дар он аст, ки қонунгузории амалкунандаи муосир ва инчунин меъёрҳои ҳуқуқии давлатдории таърихии тоҷикон барои суди маъмурӣ ваколатҳои гуногунро муқаррар намуда, баррасии қисмати муайяни баҳсҳои ҳуқуқиро ба зиммаи он мегузошт. Махсусан дар шароити муосири давлатдории тоҷикон ва ислоҳоти судӣ масъалаи мазкур мубрамияти хос пайдо намудааст.

Аз ҷониби муаллиф дар доираи таҳқиқоти илмӣ вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва рушди таълимоти бундодгароӣ (конститутсионализм) дар ташкили қудрати сиёсӣ дар шароити муосир комилан ногузир будани судҳо оид ба ҳуқуқи инсон масъалагузорӣ гардидааст. Судҳо оид ба ҳуқуқи инсон аз нигоҳи муҳаққиқ як навъ аз судҳои маъмурӣ маҳсуб мегарданд, ки баҳсҳои амудии муносибати инсону қудратро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Муаллиф дар диссертатсия қайд намудааст, ки як нуктаи муҳимми ногузирии таъсиси судҳои маъмурӣ дар низоми ҳуқуқӣ ин вуҷуди навъи муносибатҳои амудии ҳуқуқӣ миёни субъектон аст. Муносибатҳои уфуқии ҳуқуқӣ тобеи судҳои умумӣ мебошанд, аммо дар ҳалли қазияи мансуби муносибатҳои амудибуда судҳои маъмурӣ ногузиранд. Андешаҳо оид ба намуна (модел)-ҳои суди маъмурӣ ва ниҳодҳои

амалисозандаи адолати судии маъмурӣ дар адабиёти илмӣ хеле зиёд мебошанд, ки вижагиҳои онҳо дар рисола нишон дода шудааст.

Аз ҷониби муаллиф маводи меъёрӣ, асосан сарчашмаҳои аслии ҳуқуқии давраи зардуштӣ ва давраи асрҳои миёна, ки дар вақтҳои гуногун ба нашр расидаанд ва дар ҳудуди Тоҷикистон аз давраҳои қадим то имрӯз татбиқ мешуданд ва мешаванд, истифода шуда, манбаи илмии мавзӯи мазкур гардидаанд. Дар қатори ин сарчашмаҳо, инчунин сарчашмаҳои таърихие, ки маълумоти бениҳоят муҳим дар бораи ҳаёти ҳуқуқӣ ва пешбурди истеҳсолоти суди маъмурӣ аз ҷониби мансабдорони давлатӣ дар давлатҳои Ҳахоманишиён, Сосониён, Хилофати араб ва дигар давлатҳои пас аз Сомонӣ то давраи муосири давлатдории тоҷиконро дар бар мегиранд, истифода шудааст.

Дар рисолаи илмӣ унвонҷӯ муайян намудааст, ки шаклу намуна (модел)-ҳои гуногуни ниҳоди адолати судии маъмурӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба тағйирот дучор гардида, аз таҷрибаи якдигар истифода бурда, ваколатҳои ҳуқуқии худро ягона (унификатсия) намуда, ба якдигар наздик мешаванд. Ҷаҳонишавӣ дар ин масъала низ таъсири муайян расонида, тибқи ислоҳоти судию маъмурӣ ниҳодҳои намуна (модел)-ҳои гуногундошта, пай дар пай бо ҳам аз ҷанбаи сохтор, моҳияти фаъолият ва тарзҳои баррасии парвандаҳо монанд мешаванд. Вале то имрӯз як қатор хусусиятҳои суди маъмурӣ онҳоро аз якдигар фарқ мекунонад, ки аз ин сабаб дар адабиёти илмӣ вобаста ба ченакҳои гуногун ниҳодҳои суди маъмуриро ба намудҳо тақсим менамоянд.

Дар давлатдории тоҷикон, ки зиёда аз панҷҳазорсолаи таърихиро дар бар мегирад, аз давраи давлатҳои аввалин – Пешдодиён ва Каёниён аллакай то марҳилаи муосири давлатдории навини тоҷикон ниҳодҳои гуногуни адолати судӣ амал мекарданд, ки дар низоми ин ниҳодҳо суди умумӣ (додрас, довар, қозӣ, судяи суди умумӣ) аҳамияти хосса дошта, доираи амали фароху васеъ доштанд ва баррасии аксарияти парвандаҳо таҳти салоҳияти онҳо буд.

Ниҳодҳои адолати судӣ таърихи қадима дошта, қадимтарин ниҳодҳои ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ ба шумор мераванд. Ғайр аз ин, тафриқа ва таҷзияи ниҳодҳои нави адолати судӣ дар тӯли таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна, нав ва навтарин тадриҷан амалӣ гардида, имрӯз низоми судии кишварҳои ҷаҳон – Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, арбитраж, суди ҳарбӣ, трибуналҳо, судҳои тиҷоратӣ ва савдо, суди одатӣ, суди ҳакамӣ, суди оилавӣ, суди ювеналӣ, суди маъмурӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Ҳар яки ин ниҳодҳо таърихи таъсису рушд, таҷриба, ваколату масъулият, тобеияту моҳияти фаъолияти хоси худро доранд ва омӯзиши таърихию ҳуқуқии онҳо барои гирифтани сабақи таърихӣ ва истифодаи дастовардҳои онҳо барои ташаккули ниҳодҳои амаликунандаи адолати судӣ имрӯз ва дар оянда, аз ҷумла дар Тоҷикистони соҳибистиқлол низ хизмат мекунанд.

Зимни тадқиқ ва таҳлили мавзӯъ унвонҷӯ аз нигоҳи илмӣ муайян намудааст, ки қонунгузории мурофиавӣ дар самти амалисозии адолати судии маъмурӣ аз санадҳои меъёрию ҳуқуқии гуногун иборат буда, ҳангоми истифодаи онҳо мушкилоти зиёд, аз қабили эътибори ҳуқуқии ин сарчашмаҳо, афзалияти яке аз дигар, мухолифати меъёрҳо ва дар сурати мухолифати қонун афзалият додан ба кадоме аз онҳо, норасоии қонун, тафсири гуногуни ҳар як қонун ва меъёрҳои он ба миён меояд.

Дар ташаккул ва таҳкими судҳои маъмурӣ ва адлияи маъмурӣ мушкилоти ҳалталаби зиёд вуҷуд доранд, ки ошкор ва баррасӣ намудани онҳо талаби рӯз аст.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсияи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» кори илмии ба анҷомрасида буда, ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 4 монография, 3 китоби таълимӣ, 24 мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст, ки 16 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

**Фехристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**а) Монография, китобҳои таълимӣ:**

**[1-М].** Одиназода, Р.С. Институт мазалим в истории таджикской досоветской государственности (историко-правовое исследование) / Р.С. Одиназода. – Душанбе: Душанбе принт, 2015. – 160 с.

**[2-М].** Одиназода, Р.С. Ниҳодҳои мазолим дар таърихи давлатдории пешазшӯравии Тоҷикистон (тадқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ) / Р.С. Одиназода. – Душанбе: Нур принт, 2017. – 176 с.

**[3-М].** Одиназода, Р.С. Судебные и квазисудебные институты в истории таджикской государственности / Э.Б. Буризода, Р.С. Одиназода. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 335 с.

**[4-М].** Одиназода, Р.С. Права человека и конституционно-правовое развите Таджикистана / А.Г. Холикзода, Дж.З. Маджидзода, Р.С. Одиназода. – Душанбе: Мехрона – 2017, 2019. – 487 с.

**[5-М].** Одиназода, Р.С. Ҷавонон ва амнияти иттилоотӣ / дар масири ҷаҳонишавӣ / Ҷ.З. Маҷидзода, А.Ғ. Холиқзода, Р.С. Одиназода. – Душанбе: Маориф, 2019. – 219 с.

**[6-М].** Одиназода, Р.С. Земельное право Республики Таджикистан: учебно-методическое пособие / А.М. Диноршоев, К.Б. Курбонов, Р.С. Одиназода, Т.А. Саидмуродова. – Душанбе: Нашри Мубориз, 2020. – 184 с.

**[7-М].** Одиназода, Р.С. Транспортное право Республики Таджикистан. Общая часть: учебное пособие / Ш.К. Гаюров, К.Б. Курбонов, Р.С. Одиназода, Ф. Курбонализода. – Душанбе: Хирадмандон, 2020. – 152 с.

**б) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[8-М].** Одиназода, Р.С. Институты таджикской государственности (на примере мазалим) / Р.С. Одиназода // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия философия и право. – Душанбе, 2010. – №3. – С. 106-110.

**[9-М].** Одиназода, Р.С. Особенности формирования и юрисдикция мазалим / Р.С. Одиназода // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2011. – №12. (76). – С. 273-278.

**[10-М].** Одиназода, Р.С. Соотношение полномочий органов мусульманского правосудия / Р.С. Одиназода // Известия Академии наук Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011. – №4. – С. 174-178.

**[11-М].** Одиназода, Р.С. Суд и судопроизводство в сасанидский период в истории государственности Таджикистана / Р.С. Одиназода // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2012. – №1 (77). – С. 109-112.

**[12-М].** Одиназода, Р.С. Причины учреждения института мазалим / Р.С. Одиназода // Вестник Российско-Таджикского (Славянского) университета. – Душанбе, 2012. – №1. – С. 125-129.

**[13-М].** Одиназода, Р.С. Возникновение механизмов правосудия в авестийский период истории Таджикистана и мазалим как институт правосудия / Р.С. Одиназода // Вестник Таджикского педагогического университета. – Душанбе, 2012. – №3. – С. 98-103.

**[14-М].** Одиназода, Р.С. Организация правосудия в сасанидский период истории Государственности Таджикистана / Р.С. Одиназода // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2012. – №3/1 (79). – С. 117-125.

[15-М]. Одиназода, Р.С. Формирование и развитие института мазалим в Арабском халифате / Р.С. Одиназода // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2012. – №3/2 (162). – С. 48-55.

[16-М]. Одиназода, Р.С. Ташкили адолати судӣ дар марҳилаи авестоии таърихи тоҷикон / Р.С. Одиназода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – №3 (27). – С. 26-29.

[17-М]. Одиназода, Р.С. Кашшофи конститутсионализм дар илми тоҷик / Р.С. Одиназода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2019. – №1 (29). – С. 193-201.

[18-М]. Одиназода, Р.С. Андар сифати муҳаққиқ (Бахшида ба 80-солагии академик Ф.Т Тоҳиров) / Р.С. Одиназода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2019. – №2 (30). – С. 194-196.

[19-М]. Одиназода, Р.С. Таҳаввулот, салоҳият ва тавсифи умумии ниҳоди муҳтасиб (раис) ҳамчун мақомоти амалисозандаи адолати судии маъмурӣ / Р.С. Одиназода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – №1 (33). – С. 35-42.

[20-М]. Одиназода, Р.С. Салоҳияти мақомоти шаҳрбонӣ дар амалисозии адолати судӣ дар Тоҷикистони таърихӣ / Р.С. Одиназода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – №2 (34). – С. 51-55.

[21-М]. Одиназода, Р.С. Пайдоиш ва рушди давлатдории Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1924- 1929) / Р.С. Одиназода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – №2 (34). – С. 26-50.

[22-М]. Одиназода, Р.С. Суди шоҳӣ (Боргоҳи Дод, мазолим): сохтор, тарзи ташкил ва ваколат / Р.С. Одиназода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – №3 (35). – С. 25-33.

[23-М]. Одиназода, Р.С. Омилҳои таъсиси ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон / Р.С. Одиназода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – №4 (36). – С. 58-64.

**в) Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[24-М]. Одиназода, Р.С. Организация правосудия в авестийский период истории Таджикистана / Р.С. Одиназода // Актуальные проблем гуманитарных наук в XXI веке: Материалы XII и XIII Международных конференций молодых ученых гуманитарных факультетов МГУ имени М.В. Ломоносова. – Москва: МАКС Пресс, 2011. – 164 с.

[25-М]. Одиназода, Р.С. Организация правосудия в авестийский период истории Таджикистан / Р.С. Одиназода // Истиқлолият – омили ислоҳоти ҳуқуқӣ: маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 80-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, 6 сентябри соли 2011). – Душанбе, 2011. – С. 88-99.

[26-М]. Одиназода, Р.С. Суд и судопроизводство в Сасанидский период в истории государственности Таджикистана / Р.С. Одиназода // Истиқлолият – омили ислоҳоти ҳуқуқӣ: маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 80-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, 6 сентябри соли 2011). – Душанбе, 2011. – С. 47-62.

[27-М]. Одиназода, Р.С. Таърихи пайдоиш ва рушди институти мазолим дар марҳилаи давлатдории тамаддуни зардуштӣ / Одиназода Р.С. // Истиқлолият – омили ислоҳоти ҳуқуқӣ: маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 80-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, 6 сентябри соли 2011). – Душанбе, 2011. – С. 173-181.

[28-М]. Одиназода, Р.С. Развитие института мазалим при Арабском правлении / Р.С. Одиназода // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 80-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон

ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, 6 сентябри соли 2011). – Душанбе, 2011. – С. 117-131.

**[29-М].** Одиназода, Р.С. Ташаккул ва инкишофи девони мазолим то замони ҳукумронии арабҳо / Р.С. Одиназода // Нақши Конииститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ). – Душанбе: Эксклюзив, 2012. – С. 174.

**[30-М].** Одиназода, Р.С. Низоми ҷазо дар аҳди Сосониён: манбаъ ва аҳдофи ҳуқуқи ҷазо / Р.С. Одиназода // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – маркази тайёр кардани мутахасисони соҳибунвон: маҷмӯи маводҳои конференсияи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2013. – С. 42-46.

**[31-М].** Одиназода, Р.С. Роль Конституции в укреплении прав человека / Р.С. Одиназода // Конституция гарант обеспечения права, свободы, законных интересов личности, государства и общества: сборник материалов республиканской научно-теоретической конференции (ГБАО, 10-12 августа, 2016). – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 8-9.

**[32-М].** Одиназода, Р.С. Принсипҳои конститутсионии волоияти қонун ва соҳибихтиёрӣ дар таърихи афкори сиёсию ҳуқуқии тоҷикон / Р.С. Одиназода // Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоили таърихии пайдоиш ва нақши он дар рушди падидаҳои давлату ҳуқуқ. – Душанбе, 2019. – С. 62-83.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Одиназода Рамазон Сафар дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» таҳқиқоти илмӣ-соҳавии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудани дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Одиназода Рамазон Сафар дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти

таърихӣ-ҳуқуқӣ)» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа 15 нафар, аз ҷумла 4 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 6 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – 0, «бетараф» – 0, суратмаҷлиси № 5/1 аз «25»-уми декабри соли 2020.

Мудири кафедраи ҳуқуқи
инсон ва ҳуқуқшиносии
муқоисавӣ, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ Саъдизода Ҷ.

Раисикунанда:
доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Азиззода У.А.

Котиби ҷаласа:
лаборанти кафедра Бобозода У.Э.

Тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.